Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-067 назди Институти забон ва
адабиёти назди АМИТ ба номи Рӯдакӣ
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21)

**Такриз**
**ба афтореферати Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъной ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ**

Дар фарҳангу тамаддуни халқу миллатҳо, аз ҷумла, мо - тоҷикон забони модарӣ зербинои ҳувияти миллӣ ва омили асосии ҳифзи он мебошад. Забони модарии мо - забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ, ки донишу маърифати дар тули ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст, гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихи миллати мо ба ҳисоб меравад ва миллати тоҷик таъриху фарҳанги ғании хешро бо ҳамин забон иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Аз солҳои бистуми асри гузашта, яъне дар шароити барои халқи тоҷик ва забони модарии он басо ҳассосу тақдирсоз забон расман номи “Забони тоҷикӣ” – ро соҳиб шуд ва яке аз далелҳои ҷидии ташкил ёфтани давлати миллиамон гардид.

Ба омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи забонамон ҳар чи бештар талош намуда, дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостониамон нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғани гардонем, марвати фарҳангиву маънавии миллати мо бо ҳамин забон оламро тасхир кардааст.

Омӯзиши топонимика як равияи нав дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад, гар чанде ки дар ин хусус дастовардҳои зиёди илмӣ мавҷуд бошад ҳам масъалаҳои зиёди ин соҳа ҳанӯз ба таври мукаммал мавриди таҳқиқотҳои илмӣ нагардидаанд. Аз он ҷумла, топонимҳои минтақаи Панҷакенти водии Зарафшон аз диди луғавию маънои ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии он хеле мавзуи мубрам буда, аз ҷумла, барои дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташакули миллат дар тули таърих, таъриху сарнавишти миллат иртибот

дошта ва онро инъикос менамояд, ташакулёбии фарҳанги ин ё он мардумро нишон медиҳад, маълумоти арзишмандро дар бораи релеф, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо маъфуз медорад, забону фарҳанг ва анъанаҳои миллиро муҳим арзёбӣ менамояд.

Дар баробари ин, омӯзиши хусусиятҳои забонии топонимияҳои минтақаи мазкур ки аз тарафи дессертант мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, барои гирдоварӣ ва омӯзиши дақиқи номҳои ҷуғрофӣ дар оянда ҷиҳати фарогирии минбаъдаи топонимикаи дигар минтақаҳо асос гузошта, инчунин, барои муайян кардани марҳилаҳои инкишофи таҳаввулоти топонимикаи забони тоҷикӣ дар амалияи фарҳангнигорӣ, дар таълифи фарҳангҳои топонимики инчунин дар навиштани фаслҳои дахлдори грамматикаи забони тоҷикӣ ва дигар масъалаҳои марбути он роҳ мекушояд.

Аз мутолиаи автореферати диссертанти илмӣ бармеояд, ки он бо таҳдоби қавии илмӣ поягузорӣ шудааст, бо фарогирии 20 фаслу зерфаслҳои он, хулосаи кори илмӣ ва феҳристи адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

Хулоса, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ки топономикаи минтақавӣ дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, ин таҳқиқот холигии мавҷударо дар таҳқиқоти куллии системаи топономикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пур мекунад.

Дар муқаддима аз гузориши масъала, зарурати интихоби мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаву навгонӣ, аҳаммияти илмиву амалии рисола, методҳои таҳқиқ, мақсад ва сарчашмаҳои таҳқиқот, навҷӯиҳои илмӣ ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва ҳамчунон масъалаҳои меҳвари илмӣ дар таҳқиқ барои дифоъ маълумот додааст.

Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талаботи КОА - ӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Диссертатсия таҳқиқу пажуҳиши луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакентро фаро гирифта, муаллиф масоҳил ва мубоҳиси марбут ба мавзуъро дар се боб таҳрезӣ ва ҳар бобро ба фаслҳо дастабандӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия “Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент” ном дошта, аз чордаҳ фасл иборат аст. Дар ин ҷо диссертант масъалаҳои назариявии топонимика мулоҳизаронӣ намуданд, муҳтавои таҳқиқоти илмии хориҷӣ ва ватании ба ин мавзуъ, ки заминаи илмӣ фароҳам овардaнд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар фаслҳои ин боб, ки аз чордаҳ фасл иборат аст, дар масоили назарии топонимҳо

мулоҳизарронӣ шудаанд, бо истифода аз усули муқоисавии таърихӣ дар ҷанбаи диахронӣ ва синхронӣ амал кардааст. Аз таҳлилҳои дақиқу хулосаҳои эътимодноки диссертант дар боби якум бармеояд, ки ӯ зимни омӯзишу барасии боби мазкур ба муваффақиятҳои баланди илмӣ ноил гаштааст.

Боби дуюми диссертатсия зери унвони "Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент" ном дошта он аз ду фасл ва ҳар яки он аз зерфаслҳо иборат аст. Муҳаққиқ дар ин боб ва фаслҳои он ба масъалаи омӯзишу баррасии микротопонимҳо, ҳамчунин, пурра ва илман таҳқиқ нагардидани номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент, масъалаи ба таври системанок омӯхта нашудани топонимҳо, этимология ва маъноии луғавии онҳо дар асоси фарҳангномаҳо бахшида шудааст, мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст. Зикр кардан ба маврид  аст, ки боби мазкур аз ҷиҳати бандубаст, мазмуну мундариҷа, ҷолиби диқат буда, ҳар  як фасли боби мазкурро диссертант аз нигоҳи илмӣ такя бар асосҳои илмии олимон таҳлил намуда, доир ба он  мисолҳои фаровон овардааст.

Боби сеюми диссертатсия "Таҳлили сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент" ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб диссертант дар бораи омӯзиши масъалаҳои сохтории топонимҳо, хусусан, минтақаи баррасишаванда ва инчунин, дар масъалаи баҳсангези аз ҷониби баъзе олимони хориҷӣ ҳангоми омӯзиши этимология ва таҳрихи топонимҳо аз ҷиҳати мантиқӣ нодуруст ва ғалат манзур гардидани он ва ба моли забонҳои дигар нисбат додани он, исботи маҳфуз будани топонимҳои унсурҳои суғдӣ, топонимикаи гурӯҳи дуюмро ки калимаҳои аслан, тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки бо миқдори муайян нишон дода шудааст, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Таҷдиди сохторӣ ва маънои ибтидоии топонимҳои минтақаи Панҷакент низ дар асоси сарчашмаҳои назариявию илмӣ асоснок карда шудааст ва хеле хуб, яъне илман мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст, ки исботи он бо далелу мисолҳои зиёд нишон додан аст. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин боб низ диссертант ба комёбиҳои илмӣ шарафёб шудааст.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар вобаста ба мавзуъ аз ҷанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, бори аввал дар забоншиносии тоҷик системаи топонимикаи минтақаи Панҷакент дар асоси методҳои илмӣ аз ҷиҳати луғавию маъноӣ ва сохторӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст; воҳидҳои топонимикаи минтақаи Панҷакент дар заминаи муштараку умумии вожаҳои эрониасос ва шохаи суғдии он ташаккул ва инкишоф ёфтааст; этимологияи дурусти номвожаҳо ба таври дурусти илмӣ маънидод гардидаанд; номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент вобаста ба миқдор нишон дода шуда, дар шаклҳои сода, мураккаб ва ибора - ҷойном вобаста ба

вожаҳои содаи тоҷикӣ, топонимҳои суғдии содасохт, сохтаи суғдиреша, ҷойномҳои мураккабсохти тоҷикӣ, ҷойномҳои мураккаби суғдиасос, инчунин, номвожаҳои ҷуғрофии мураккабсохти омехта, топонимҳои мураккабсохти тоҷикӣ - туркӣ ва славянӣ, топоним-ибораҳои минтақаи Панҷакент ва қабатҳои луғавии он; мавҷудияти номвожаҳои сирф суғдиасос, топонимҳои асили забони тоҷикӣ, топонимҳои иқтибосӣ (ва сабабҳои дохил шудани он) дар рисолаи мазкур асоснок карда шудаанд; инчунин, таҳлили қолабҳои калимасозӣ дар номвожаҳои суғдиасос дар такя бар олимони забоншинос мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки аҳаммияти омӯзиш ва сохти калимасозии забони суғдӣ дар забоншиносии имрӯза басо судманд аст; шарҳи маъноии топонимҳо аз ҷиҳати луғавию маънои ва сохтори амиқ омӯхта шудаанд; ин рисола барои омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофии ҳар як минтақа ва роҳҳои таҳқиқи луғавию маъноӣ, сохторӣ, тавассути он риштаҳои илмӣ забоншиносӣ дар омӯзиши амиқи таърихи забон ва инкишофи забони тоҷикӣ дар оянда роҳ мекушояд; барои ҳалли масоили гуногуни топонимикаи забони тоҷикӣ имрӯз ва оянда истифода хоҳад шуд.

Натиҷаҳои асосии хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар чандин мақолаҳо, ки дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Зулфониён Раҳим Раҷабзода мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи ӯро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯй буда, дар баробари дастовардҳои зиёд баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдинаи пажуҳиши довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Бар андешаи мо дар автореферат баъзан такрори андешаҳо ба назар мерасанд.

2. Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳо ва инчунин, сохтории номвожаҳои ҷуғрофӣ дар схема ва нақшаҳо нишон дода мешуд, хело хуб буд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда, асосан, ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Зулфониён Раҳим Раҷабзода ҳусни бештар зам мекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Қаҳҳоров М.М.

Нишонии Донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2.
Телефон: +992 (37) 234-83-46, +992 (37) 234-85-46.
Email: mail@ddtt.tj: tguk@mail.ru.
www: www.tguk.tj.

Имзои номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қаҳҳоров Масъуд Маҳмудовичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

"22" декабри соли 2023